ТДУ 338.431(575.34)

# ИСЛОҲОТИ БОЗОРИИ МУНОСИБАТҲОИ АГРАРӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР БАХШИ АГРАРИИ ИҚТИСОДИЁТ

**Субҳонзода И.С.-** н.и.и., дотсент, **Иброҳимзода О.Ю.-** унвонҷӯ,
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ

***Калимаҳои калидӣ:*** *ислоҳоти иқтисодӣ, муносибатҳои аграрӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, соҳибкории инфиродӣ, кишоварзӣ.*

Дар миёни солҳои 80-уми асри XX комплекси агросаноатӣ (КАС)-и Тоҷикистон дар иқтисоди ҷумҳурӣ мавқеи асосиро ишғол намуда буд. Зеро ба ҳиссаи он зиёда аз 52% маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, 60% таъминоти кори аҳолии қобили меҳнат ва 50% озуқаи истеъмолӣ рост меомад [6, с.12].

Вобаста ба масъалаи ҷорӣ намудани институти моликияти шахсии замин соли 1992 олимони иқтисодшинос Бегматов А. ва Фузайлов С. навишта буданд, ки *"...на заминаи моддию техникӣ, на шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ ҳоло ба вазифаи рӯзмарра табдил додани масъалаи хусусигардонии захираҳои заминро иҷозат намедиҳанд. Чунин ақидаро, ки фардо агар истифодаи замин моликияти шахсӣ шавад, деҳқони мо озодии иқтисодиро ба даст меорад, мо галат мешуморем*"[2, с. 3].

Тибқи консепсияи қабулгардидаи ислоҳоти аграрӣ аллакай аз марти соли 1992 ташкили заминаи ҳуқуқии ислоҳоти аграрӣ дар ҷумҳурӣ оғоз ёфт. 5 марти соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" қабул гардид [3, с. 112]. Ин қонун барои ташкил ва фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) чун шакли комилан нави фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард. Ба ғайр аз ин, худи ҳамон сол қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷора", "Дар бораи ислоҳоти замин", "Дар бораи пардохт барои замин", "Дар бораи моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"[3, с. 112] қабул гардиданд, ки онҳо ба бозсозии куллии муносибатҳои аграрӣ ва фароҳам овардани шароити иқтисодию ҳуқуқӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар КАС-и ҷумҳурӣ равона шуда буданд.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро дар байни шаклҳои нави хоҷагидорӣ махсус таъкид намудан лозим аст, ки онҳо тадриҷан ба ҳалқаи асосии сохтории (ибтидоии) бахши аграрии иқтисод табдил меёбанд. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) муносибатҳои истеҳсолӣ куллан тағйир ёфта, шаклу усулҳои бозории ташкили истеҳсолот татбиқ мегарданд ва омилҳои нав барои хоҷагидории самаранок бо баргардондани мақоми соҳибмулкии замин ба деҳқон ба вуҷуд меоянд.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 8 апрели соли 1996, "Оид ба татбиқи Китоби бақайдгирии санҷиши субъектҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 28 марти соли 2001, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба дастгирии давлатии соҳибкорӣ барои солҳои 2000-2005 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 1 октябри соли 2002, "Оид ба Консепсияи рушди соҳибкорӣ барои давраи то соли 2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 3 декабри соли 2004 ба рушди соҳибкорӣ мусоидат намуданд.

Моҳияти иқтисодию ҳуқуқии соҳибкорӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2018, №227 "Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020" тасдиқ карда шудааст, чунин баён мешавад: "Соҳибкорӣ – фаъолияти мустақилонаи аз рӯи таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташудае, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст".

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш аз соҳаи аграрӣ ба соҳаи индустрияи аграрӣ қарор дорад. Лозим ба ёдоварист, ки бо дарназардошти ин Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 қабул гардидааст. Аз ин рӯ, субъектҳои хурд ва миёнаи соҳибкориро зарур аст, ки нақши худро дар ин самт фаъол сохта ҳиссаашонро дар соҳаи комплекси агросаноатӣ баланд бардоранд.

Бояд тазаккур дод, ки фароҳам овардани шароит ва ҳавасмандии фаъолияти соҳибкорӣ ба рушди субъектҳои соҳибкорӣ дар солҳои охир таъсири мусбат расонида истодааст. Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки шумораи умумии соҳибкорони

инфиродии фаъолияткунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаш соли охир зиёд гардидааст. (ҷадвали 1).

Тавре аз маълумоти ҷадвали 1 дида мешавад, дар давраи баррасишаванда (2013-2018) теъдоди шаҳрвандоне, ки бо фаъолияти меҳнати инфиродӣ машғул буданд, дар ҷумҳурӣ аз 44371 то 40891 ё 7,8 % коҳиш ёфт. Чунин тамоюли коҳишёбии теъдоди соҳибкорони инфиродӣ на ба ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ хос аст.

Ислоҳоти бозорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба таҳкими мавқеи бахши ғайридавлатӣ дар истеҳсоли озуқа равона шудаанд. Бинобар ин, солҳои охир ба рушди хоҷагиҳои аҳолӣ, ки онҳо бо доштани ҳамагӣ 2,7% захираҳои замин тақрибан 55,9% маҷмуи маҳсулоти кишоварзии ҷумҳуриро истеҳсол менамоянд, диққати ҷиддӣ дода мешуд. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ҷудо намудани дар аввал 50 ҳазор га. ва баъдан боз 25 ҳазор га. замин (9 октябри соли 1995, №342 ва 1 декабри соли 1997, №874) барои васеъ намудани хоҷагиҳои аҳолӣ (заминҳои наздиҳавлигӣ) қабул гардиданд.

**Ҷадвали 1.- Динамикаи рушди субъектҳои соҳибкории инфиродӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013 – 2018** ***(нафар)***

| | 2013 | | | | 2014 | | | | 2015 | | | | 2016 | | | | 2017 | | | | 2018 | | | | 2018 / 2013 бо % | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шаҳодатнома | Хоҷагии деҳқонӣ | Патент | Ҳамагӣ | Шаҳодатнома | Хоҷагии деҳқонӣ | Патент | Ҳамагӣ | Шаҳодатнома | Хоҷагии деҳқонӣ | Патент | Ҳамагӣ | Шаҳодатнома | Хоҷагии деҳқонӣ | Патент | Ҳамагӣ | Шаҳодатнома | Хоҷагии деҳқонӣ | Патент | Ҳамагӣ | Шаҳодатнома | Хоҷагии деҳқонӣ | Патент | Ҳамагӣ | Шаҳодатнома | Хоҷагии деҳқонӣ | Патент |
| ДАР ҶУМҲУРӢ | 7848 | 11587 | 24936 | 44371 | 5556 | 28599 | 29899 | 64054 | 5199 | 26833 | 25155 | 57187 | 4654 | 11579 | 23590 | 18623 | 4687 | 8699 | 28058 | 41444 | 4247 | 9753 | 26891 | 40891 | 54,1 | 84,2 | 107,8 |
| Аз онҳо дар минтақаҳо | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| ВМКБ | 182 | 12 | 1079 | 1273 | 123 | 20 | 546 | 689 | 106 | 9 | 489 | 604 | 82 | 34 | 316 | 432 | 123 | 147 | 433 | 703 | 91 | 94 | 450 | 635 | 50,0 | 783,3 | 41,7 |
| Вилояти Суғд | 2417 | 3674 | 9280 | 15371 | 1361 | 16864 | 9791 | 28016 | 1423 | 16089 | 9424 | 26936 | 1145 | 4314 | 8640 | 14099 | 1171 | 2961 | 9668 | 13800 | 1115 | 3805 | 10169 | 15089 | 46,1 | 103,6 | 109,6 |
| Вилояти Хатлон | 2769 | 7901 | 6172 | 16842 | 1001 | 8319 | 8282 | 17602 | 753 | 6813 | 6466 | 14032 | 721 | 4486 | 5137 | 10344 | 748 | 3346 | 6874 | 10968 | 702 | 3857 | 5660 | 10219 | 25,4 | 48,8 | 91,7 |
| Шаҳри Душанбе | 2480 | 0 | 8405 | 10885 | 1752 | 0 | 6176 | 7928 | 1622 | 0 | 6329 | 7951 | 1429 | 0 | 5650 | 7079 | 1534 | 0 | 6996 | 8530 | 1434 | 0 | 5011 | 6445 | 57,8 | 0,0 | 59,6 |
| НТҶ | 2444 | 3565 | 5412 | 11421 | 1319 | 3396 | 5104 | 9819 | 1295 | 3922 | 5447 | 10664 | 1277 | 2742 | 3847 | 7866 | 1111 | 2245 | 4087 | 7443 | 905 | 1997 | 5601 | 8503 | 37,0 | 56,0 | 103,5 |

***Ҳисоби муаллиф мувофиқи маълумотҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.***

Дар натиҷаи татбиқи ин фармонҳо иқтидори истеҳсолии хоҷагиҳои аҳолӣ қариб 15 % коҳиш ёфт. Ин ба коҳиши истеҳсоли ғалладона аз 454515 ҳазор тонна дар соли 2009 то 434153 ҳазор тонна дар соли 2018 20362 ҳазор тонна яъне -4,5 % коҳиш ёфт[1, с. 160].

Яке аз омилҳои коҳишёбии истеҳсоли ғалладона дар хоҷагиҳои аҳолӣ ин норасии оби полезӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ чунин ифроз доштанд, "...дар 27 соли соҳибистиқлолӣ 190 ҳазор гектар заминҳои корам аз гардиши кишоварзӣ бароварда шуда, майдони заминҳои наздиҳавлигӣ дар кишвар 135 ҳазор гектар, аз ҷумла аз ҳисоби заминҳои обӣ 52 ҳазор гектар зиёд шудааст"[5].

Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён намудаанд, ки "...Мо бояд азхудкунии заминҳои навро вусъат бахшида, майдони заминҳои корамро зиёд, яъне майдони заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунщударо барқарор кунем, то ин ки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ талаботи мардумро бо маводи ғизоӣ таъмин намоем" [5].

Дар натиҷа ҳолати буҳронӣ дар бахши аграрии иқтисод ба вуҷуд меомад, ки дар давоми солҳои 1992-1998 ҳаҷми истеҳсол 1,5 маротиба ва истеҳсоли намудҳои муҳими маҳсулоти кишоварзӣ, ба истиснои ғалла, хеле кам шуд. Масалан, соли 2018 истеҳсоли

пахта 300342 тоннаро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба солҳои 80-ум қариб се маротиба камтар буд. Истеҳсоли пахта дар солҳои 80-ум 1 млн. тоннаро ташкил медод ва се маротиба кам шудани ин нишондиҳанда дар соли 2018 асосан на аз ҳисоби камшавии майдонҳои кишт бо мақсади барҳам додани якказироатӣ, балки аз ҳисоби ба таври назаррас кам шудани ҳосилнокии пахта аз 30 с/га то 17,4 с/га дар соли 2018.

Чорводорӣ, хусусан чорводории ҷамъиятӣ, то солҳои 2000 -ум дар буҳрони амиқу тӯлонӣ қарор дошт. Истеҳсоли гӯшт дар ҷумҳурӣ дар давоми солҳои 1991-2018 аз 150,7 то 261,9 ҳазор тонна, яъне 1,65 маротиба ва истеҳсоли шир аз 587,2 то 983,1 ҳазор тонна ё 1,67 маротиба зиёд шуд[1, с. 269-274].

Чорводорӣ хусусан дар хоҷагиҳои аҳолӣ ва дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ба таври назаррас рушд карда истодаанд, ки дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Тавре аз ҷадвали 6 дида мешавад, ки сашумори бузу гусфанд дар минтақаҳои ҷумҳурӣ махсусан дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва НТҶ, дар солҳои баррасишаванда дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои аҳолӣ ба таврӣ назаррас рушд карда истодааст. Дар вилояти Суғд соли 2013 дар хоҷагиҳои аҳолӣ 1143123 сар чорвои майда вуҷуд дошт, ки ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба 1315887 сар расид, ки 172764 сар афзоиш ё 15,1 % зиёд мебошад.

**Ҷадвали 2. - Нишондиҳандаҳои рушди чорвои майда дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар солҳои 2013 – 2018) (дар охири сол, сар)**

| | **Солҳо** | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **ВМКБ** | **в. Суғд** | **в. Хатлон** | **НТҶ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи категория-ҳои Хоҷагиҳо | 2013 | 4923638 | 354784 | 1358221 | 1988637 | 1221996 |
| | 2014 | 5056572 | 361202 | 1389080 | 2021652 | 1284638 |
| | 2015 | 5799297 | 366799 | 1466671 | 2095216 | 1350611 |
| | 2016 | 5456206 | 375479 | 1500710 | 2211247 | 1368770 |
| | 2017 | 5581496 | 399107 | 1521054 | 2262071 | 1399264 |
| | 2018 | 5620268 | 345235 | 1543155 | 2307491 | 1424387 |
| | 2018/2013 бо % | 114,2 | 97,3 | 123,6 | 116,0 | 116,6 |
| Корхо-наҳои кишо-варзӣ | 2013 | 282790 | 2606 | 65947 | 175387 | 38850 |
| | 2014 | 272975 | 2479 | 57622 | 171918 | 40956 |
| | 2015 | 260629 | 2575 | 48551 | 164025 | 45478 |
| | 2016 | 264051 | 2751 | 48642 | 165334 | 47324 |
| | 2017 | 256474 | 2670 | 47790 | 170764 | 35250 |
| | 2018 | 237913 | 1000 | 48091 | 147764 | 41058 |
| | 2018/2013 бо % | 84,1 | 38,4 | 72,9 | 84,2 | 105,7 |
| Хоҷагиҳо и аҳолӣ | 2013 | 4077100 | 332476 | 1143123 | 1544630 | 1057238 |
| | 2014 | 4169979 | 338316 | 1178672 | 1556972 | 1096019 |
| | 2015 | 4334365 | 343379 | 1244162 | 1615394 | 1131430 |
| | 2016 | 4479994 | 350082 | 1277055 | 1716790 | 1136067 |
| | 2017 | 4576143 | 374614 | 1296185 | 1749675 | 1155669 |
| | 2018 | 4596576 | 325400 | 1315887 | 1777012 | 1178177 |
| | 2018/2013 бо % | 112,7 | 97,9 | 115,1 | 115,0 | 111,4 |
| Хоҷагииҳ ои деҳқонӣ | 2013 | 563748 | 19702 | 149151 | 268987 | 125908 |
| | 2014 | 613618 | 20407 | 152786 | 292762 | 147663 |
| | 2015 | 684303 | 20845 | 173958 | 315797 | 173703 |
| | 2016 | 712161 | 22646 | 175013 | 329123 | 185379 |
| | 2017 | 748879 | 21823 | 177079 | 341632 | 208345 |
| | 2018 | 785779 | 18835 | 179177 | 382715 | 205052 |
| | 2018/2013 бо % | 139,4 | 95,6 | 120,1 | 142,3 | 162,9 |

***Сарчашма: Агентии Омори Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.// Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Душанбе, соли 2019, с. 178 -179.***

Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад соли 2013 149151 сар чорвои майда вуҷуд дошт, ки ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба 179177 сар расид, ки 30020 сар зиёд ё 20,1 % афзоиш ёфтааст. Дар вилояти Хатлон соли 2013 дар хоҷагиҳои аҳолӣ 1544630 сар чорвои майда вуҷуд дошт, ки ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба 1777012 сар расид, ки 232382 сар зиёд ё 15,0 % афзоиш ёфтааст. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад соли 2013 268987 сар чорвои майда вуҷуд дошт, ки ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба 382715 сар расид, ки 113728 сар зиёд ё 42,3 % афзоиш ёфтааст. Дар НТҶ соли 2013 дар хоҷагиҳои аҳолӣ 1057238 сар чорвои майда вуҷуд дошт, ки ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба 1178277 сар расид, ки 121039 сар зиёд ё 11,4% афзоиш ёфтааст. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад соли 2013 125908 сар чорвои майда вуҷуд дошт, ки ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба 205052 сар расид, ки 79144 сар зиёд ё 62,9 % афзоиш ёфтааст.

Бо мақсади такмили минбаъдаи ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ соли 2002 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” дар таҳрири нав қабул гардид. Дар таҳрири нави ин қонун ду шакли хоҷагиҳои деҳқонӣ муайян шудаанд: хоҷагии деҳқонӣ ва хоҷагии коллективию деҳқонӣ. Ба шакли дуюми хоҷагидорӣ

корхонаҳои кишоварзие дохил мешаванд, ки мувофиқи принсипи хоҷагии коллективӣ таъсис ёфтаанд.

Дар рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) (АМХДФ) саҳми назаррас гузошт. Ин ассотсиатсия соли 2005 дар конференсияи муассисон чун ташкилоти мустақил, худидорашаванда ва ғайриҳукуматӣ (ТҒҲ) таъсис ёфт. Мақсади ташкили АМХДФ дастгирии ҳаматарафаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, рушду такмили инфрасохтори бозорӣ дар асоси муттаҳид ва ҳамоҳанг намудани саъю кӯшиши фермерону соҳибкорон, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), такмили ихтисос ва дарёфти шарикони хориҷӣ буд. Ҳоло 1 хоҷагии давлатии кишоварзӣ ва 172668 хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) фаъолият карда истодааст.

Рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ба марҳилаи нав мегузарад. Тайи солҳои гузашта як қатор сохторҳои соҳибкорӣ устувор гашта, таҷриба ва малака пайдо намуданд. Онҳо ба талаботи бозори иқтисодӣ мутобиқ гардида, натиҷаҳои назаррас ба даст оварданд, қисми дигарашон ба талаботи бозор тоб наоварда, аз фаъолият боз монданд.

## АДАБИЁТ


1. Агентии Омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ- Душанбе, 2019. - С. 269-274.
2. Бегматов А., Фузайлов С. Аграрная реформа: какой она видится? – «Народная газета» от 16 апреля 1992. - С.3.
3. Ведомости Совети Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1992 .- №8. - С.112.
4. Маълумоти бештар дар бораи барнома: Комилов С.Дж., Каюмов Н.К., Нурмахмадов Н. «Стратегия движения к рыночной экономике». Душанбе, 1998. - С. 14-15. Барномаи якуми гузариши иқтисоди Тоҷикистон ба муносибатҳои бозорӣ ҳанӯз дар охири соли 1990 қабул шуда буд. Маълумоти бештар дар бораи ин барнома: И. Давлатов, Б. Исоматов, С. Ҳабибов., Иқтисоди бозоргонӣ - Душанбе, 1994. - С. 51-52.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2018
6. Ҳасанов Ш.Қ. Ҳуқуқи соҳибкорӣ,-Душанбе: Эр-граф, 2012. - С.64.


## АННОТАЦИЯ

## РЫНОЧНАЯ РЕФОРМА СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ И ЭТАПЫ РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В АГРАРНОМ СЕКТОРЕ ЭКОНОМИКИ


Среди новых форм хозяйствования следует выделить дехканские хозяйства, которые постепенно становятся основным структурным (первичным) звеном аграрного сектора экономики. С этой точки зрения автор попытался представить в своей статье научно обоснованные доказательства. В данной статье автор анализирует следующие вопросы: реформа аграрного рынка, динамика развития индивидуального предпринимательства в регионах Республики Таджикистан, показатели развития малого животноводства в регионах Республики Таджикистан, развитие фермерских хозяйств, количество дехканских хозяйств. В то же время автору удалось показать научно обоснованные аспекты проблемы в сфере предпринимательства в аграрном секторе в качестве рекомендации.



***Ключевые слова:*** *экономическая реформа, аграрные отношения, дехканские хозяйства, предпринимательская деятельность, индивидуальное предпринимательство, сельское хозяйство.*


## ANNOTATION

## MARKET REFORM OF AGRICULTURAL RELATIONS AND THE STAGES OF ENTREPRENEURSHIP DEVELOPMENT IN THE AGRICULTURAL SECTOR OF THE ECONOMY


Among the new forms of management, dekhkan farms should be distinguished, which are gradually becoming the main structural (primary) link in the agricultural sector of the economy. From this point of view, the author tried to present scientifically sound evidence in his article. In this article, the author analyzes the following issues: the reform of the agrarian market, the dynamics of the development of individual entrepreneurship in the regions of the Republic of Tajikistan, the indicators of the development of small livestock in the regions of the Republic of Tajikistan, the development of farms, number of dekhkan farms. At the same time, the author was able to show scientifically substantiated aspects of the problem in the field of entrepreneurship in the agricultural sector as a recommendation.



***Key words:*** *economic reform, agrarian relations, dekhkan farms, entrepreneurial activity, individual entrepreneurship, agriculture.*